# Tajik State University of Commerce

**Course name: Introduction to Political Science**

**Week 1:** Political Science as a scientific and educational discipline methods and methodological approaches in the study of political issues

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 1:** Сиёсатшиносӣ ҳамчун илм ва фанни таълимӣ. Методҳо ва муносибатҳои методологӣ дар омӯзиши масъалаҳои сиёсӣ

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

**Нақшаи лексия:**

1. Сиёсатшиноси ҳамчун илм ва марҳилаҳои асосии инкишофи он.
2. Вазифаи сиёсатшиносӣ, таъсирпазирӣ ва таъсиррасонии он ба дигар фанҳо.
3. Мафҳуми ҷаҳони сиёсат ва проблемаҳои асосии сиёсат.
4. Қонунияти сиёсатшиносӣ, категорияҳои он, методҳои он ва марҳилаҳои рушди он.

## 1. Сиёсатшиноси ҳамчун илм ва марҳилаҳои асосии инкишофи он.

Сиёсатшиносӣ ин илм дар бораи сиёсат, яъне доир ба шакли махсуси соҳаи фаъолияти ҳаёти инсонӣ ва муносибатҳои ҳокимият, ташкили сиёсии ҷамъият, институтҳои сиёсӣ, талабот ва нормаҳо, амалҳое, ки муносибатҳои байни одамон, ҷамъият ва давлатро таъмин менамояд, мебошад. Вай ҳамчун илм ҳама паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳам сиёсати иқтисодӣ, ҳам маънавӣ ва ҳам баҳамтаъсиррасонии сиёсатро бо дигар соҳаҳо меомӯзад.

Вай иниститутҳои сиёсӣ, равандҳои сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ, идеология, фарҳанги сиёсӣ ва фаъолияти сиёсиро мавриди назар қарор медиҳад. Муҳимтарин масъалаҳои сиёсатшиносӣ ин ҳокимияти сиёсӣ, сохт ва моҳияти он, системаи сиёсӣ ва режимҳои ҳозиразамон, шакли идоракунию сохтори давлатӣ, босуботии сиёсию таваккали сиёсӣ, системаи ҳизбию интихоботи, ҳуқуқу озодиҳои сиёсии инсон-шаҳрванд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд, рафтори сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ, муоширати сиёсӣ ва васоити ахбори умум, паҳлӯҳои динию миллии сиёсат, усул ва воситаҳои барҳам додани моҷароҳои сиёсӣ ва бӯҳронҳо, муносибатҳои сиёсии байналмилалӣ, геополитика ва ҷаҳонишавии сиёсӣ ба шумор меравад.


1

1. Politology Book,” Donishju.net, accessed September 11, 2025, https://donishju.net/politology-book/

Сиёсатшиносӣ ҳамчун илм дар Юнони Қадим ба вуҷуд омадааст ва дорои маънои умумӣ мебошад ва аз ибтидо “политика”-корҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ- “логос”-дониш, илм яъне ифодакунандаи дониши сиёсӣ ва воқеъияти сиёсӣ мебошад.


[1]

1. “Is Political Science a Hard Degree? Benefits, Cons & Job Opportunities,” Joblist, June 7, 2023, https://www.joblist.com/guides/political-science

Юнониёни қадим дар ибтидо сиёсатро ҳамчун санъати идоракунии давлат медонистанд. Бо мурури тараққиёту пешрафти ҷомеа, мураккаб гаштани таркиби иҷтимоии ҷамъият, пайдо шудани синфҳою ҳизбҳо, ташаккули ҳақшиносии халқияту миллатҳо, ҳифз ва пойдор намудани ҳудудҳои миллӣ, ояндаи он зуҳуроту ҳодисаҳоро дида тавонистан илми сиёсатшиносиро ба вуҷуд овард. Ин раванд, ба хусус дар солҳои охири асри XIX тавассути натиҷагирии тадқиқотҳо дар соҳаҳои фалсафа, ҳуқуқшиносӣ ва таърих ташаккул ёфт. Ин таҳаввул, инчунин солҳои 20-уми асри XX дар ИМА ба пайдо шудани бихевиорализм низ зич алоқаманд аст.

Асоси илми сиёсатшиносиро афкори пурарзиши мутафаккирони бузург, ки моҳияти илмии худро то ба имрӯз гум накардаанд ташкил мекунанд. Хусусан, идеяҳои Афлотун, Арасту, Макиавелли, Бэкон, Гоббс, Лок, Монтеске, Дидро, Руссо, Гегел, Фуре, Компанелло, Сен-Симон, Оуэн, Маркс, ки асоси бисёр идеяву таълимотро ташкил медиҳанд.



[1]

1. Abrp722, “Сократ, Платон, Аристотель…,” LiveJournal, July 18, 2021, https://abrp722.livejournal.com/120402.html

Сиёсат дар ҷомеа ҳамчун воситаи танзими манфиатҳо ба вуҷуд омадааст. Бесабаб нест, ки Арасту сиёсатро ҳамчун илми идорӣ ва шакли мутамаддини умумият муаррифӣ менамояд. Аз ин нуқтаи назар сиёсат илмест дар бораи муносибатҳои байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳо ва миллатҳо.

Ҳамзамон, ҳама масъалаҳое, ки ба давлат, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҳаракатҳо вобастагӣ доранд, характери сиёсӣ пайдо мекунанд.

Сиёсатшиноси фаронсавӣ Р. Арон чунин меҳисобад, ки сиёсат ин мубориза барои ҳокимият миёни сарварони сиёсӣ ва табақаҳои иҷтимоӣ мебошад. Сиёсатшиноси олмонӣ М. Вебер қайд мекунад, ки "Шахсе, ки ба сиёсат сару кор дорад, он кӯшиши ба даст овардани ҳокимиятро дорад". Аз ин нуқтаи назар сиёсатшиносӣ илм дар бораи механизм ва технологияи ҳокимият, инчунин мубориза барои ҳокимият мебошад.



1


2

1. Raymond Aron," LibreBook, accessed September 11, 2025, https://1.librebook.me/list/person/raymond_aron?sortType=votes
2. Max Weber - German Philosopher," RusTeam.media, 2021, https://rus.team/people/veber-emil-maksimilian

Сиёсат ин истифодаи бошууронаи иқтисодиёт ва қонунҳои иқтисодӣ мебошад. Яъне иқтисодиёт ва сиёсат якдигарро бевосита пурра мегардонанд ва мавқеи асосиро дар муттаҳидгардонии онҳо иқтисодиёт, ҳамчун асоси моддӣ ташкил менамояд. Сиёсат бошад худро ҳамчун истифодабарандаи бошууронаи қонунҳои иқтисодӣ муаррифӣ менамояд. Аз ин рӯ, донистани қонуниятҳои иқтисодӣ барои сиёсатшинос хеле зарур аст.

Сиёсатро Афлотун «Санъати якҷоя зистан», Ленин В. И. «Ифодаи таҷассумёфтаи иқтисодиёт», Вебер М. «Кӯшиш барои иштирок дар ҳокимият ё таъсир расонидан ба тақсими ҳокимият дар байни хоҳ давлатҳо ва хоҳ дар дохили давлат байни гурӯҳҳои сиёсӣ», номидаанд. Сиёсат, бешак, санъати идоракунии ҷамъият ва тамоми паҳлӯҳои серсоҳаи ҳаёти ҷамъиятии одамон ва натиҷаи фаъолияти онҳост.

Ба мафҳуми сиёсат ҳар кадом фард аз нуқтаи назари манфиатҳо, дараҷаи ҷаҳонбинӣ, инкишофи умумифарҳангӣ бо назардошти вазъи ҷомеаю тақсимшавии қувваҳои сиёсӣ баҳо медиҳад.

Бар хилофи ҳамаи илмҳои дигар, сиёсатшиносӣ ҳамчун илм ба ҳам пайвандкунандаи ҳамон масъалаҳое, ки ба иштироки одамон дар идора намудани давлат робита доранд, бо тамоми гуногунрангиашон меомӯзад. Вай илмест доир ба сохтори ҳокимияти давлатӣ, иштирок дар корҳои давлат, шакл ва принсипҳои фаъолияти системаҳои сиёсӣ ва сиёсати байналхалқӣ.

Ҳанӯз дар ҷомеаи ибтидоӣ қабилаҳои гуногуне, ки бо ҳам ҳамсоя буданд, дар ҳудудҳои муайян сукунат доштанд. Онҳо байни худ оид ба халалнопазирии ин ҳудудҳо қарордод доштаанд. Вайрон кардани ин қарордод ба ҷанги байни қабилаҳо мерасонд. Дар ин росто қабилае, ки ба ҳамсояқабилааш зарари ҷонӣ расонидааст, ҷуброн медод.

Чӣ тавре ки маълум мегардад, ин масъалаҳо хоҳу ноxоҳ хусусияти сиёсӣ доштанд. Аз ин ру, мо инро ҳамчун омил ё марҳилаи тавлиди пеш аз илмии сиёсат меномем.

Минбаъд, бо мурури пайдо шудани нобаробарии иқтисодӣ, ки ба ташаккули синфҳои гуногунманфиат оварда расонид, марҳилаи барқароршавии он оғоз ёфт. Ин марҳиларо ба Маркс вобаста медонанд, ки ӯ навиштааст: «Одамон дар истеҳсолоти ҷамъиятии ҳаёти худ бо муносибатҳои муайян ва зарурии ба иродаашон вобаста набуда ба муносибатҳои истеҳсолие дохил мешаванд, ки ин муносибатҳо ба зинаи муайяни инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи моддии онҳо мувофиқ меоянд».

Марксизм марҳилабандии форматсияҳоро пешниҳод намуд, ки тибқи он чор марҳила ба назар гирифта шудааст: дунёи қадим, асрҳои миёна, капиталистӣ, коммунистӣ. Аксари пажуҳишгарони таърихи афкори сиёсӣ, инчунин сиёсатшиноси тоҷик Г. Зокиров бештар ба таснифоти таърихию хронологӣ эътибор доданд, ки он чунин аст: дунёи қадим (ҳазорсолаи чоруми то милод - с.476. Ин давраро давраи аввалини пайдоиши ташкилотҳои сиёсӣ, давлатҳо ва ғояҳои аввалини сиёсию идоракунии ҷамъиятӣ медонанд.)

Дар маҷмӯъ сиёсатро ҳамчун санъати амалӣ намудани имкониятҳо низ метавон муаррифӣ кард. Ин ба он далолат мекунад, ки сиёсат на танҳо донишро, балки истифодаи моҳиронаи фиреби сиёсӣ, созиши сиёсӣ, санъати таъсири сиёсӣ расонидан ба омма, оқилона ба тарафи худ ҷалб кардан ва илҳомбахши омма буданро талаб менамояд.


[1]

1. “Que tipo de Líder você é?,” Quizur, June 5, 2023, https://pt.quizur.com/quiz/que-tipo-de-lider-voce-e-s7gt

Барои он ки дар бораи сиёсатшиносӣ ҳамчун илм тасаввуроти амиқ пайдо намоем,  бояд донист, ки илми сиёсатшиносӣ субъект ва объекти тадқиқоти худро дорад.

**Объекти сиёсатшиносӣ:**

- фаъолияти сиёсӣ ва муносибатҳои синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, фардҳо;
- институтҳои сиёсӣ, давлат, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ;
- системаи иҷтимоӣ-сиёсӣ;
- сиёсати дохилӣ ва берунии давлат ва муносибатҳои байналхалқӣ назарияҳо, таълимот ва консепсияҳои сиёсӣ.

## Субъекти сиёсатшиносӣ:

- Оммаи халқ, ҳизбҳо, сарварони сиёсӣ, синфҳо, ҷамъиятҳо, идеологҳо, гурӯҳҳо, ташкилотҳои сиёсӣ, табақаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ

Дар умум **сиёсатшиносӣ ин илм дар бораи сиёсат, яъне доир ба шакли махсуси соҳаи фаъолияти ҳаёти инсонӣ ва муносибатҳои ҳокимият, ташкили сиёсии ҷамъият, институтҳои сиёсӣ, талабот ва нормаҳо, амалҳое, ки муносибатҳои байни одамон, ҷамъият ва давлатро таъмин менамояд**, мебошад.

## 2. Вазифаи сиёсатшиносӣ, таъсирпазирӣ ва таъсиррасонии он ба дигар фанҳо

Ба вазифаи сиёсатшиносӣ чунин масъалаҳо дохил мешаванд:

1. Дарёфт ва такмил додани механизми оқилона ислоҳ нумудани системаи сиёсӣ ва унсурҳои он.

2. Таҳлили сабаби пайдоиши бӯҳрон ва инкишофи системаи сиёсӣ ва роҳҳои мӯътадилгардонии он.

3. Тарзи асосноки равандҳои дар системаи сиёсӣ ба вуҷуд омада ва қонунӣ будани онҳо дар инкишофи ҷамъият:

4. Кор карда баромадани тавсияҳо барои муҳайё намудани инкишофи муътадили системаи сиёсӣ.




1.Сиёсатшиносӣ/ Д. М. Хуморов, С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, Б. А. Ҳусейнов – Душанбе: Ирфон, 2016. – 156 с.

Аз ин рӯ, ба ҳам алоқамандию таъсиррасонии илми сиёсатшиносиро ба илмҳои дигар ҳамин вазифаҳо муайян менамоянд.

Онро асосан ду шарт муайян месозад. Аввал, баҳампечию ба ҳам алоқамандии раванди инкишофи ҷамъият (иқтисодӣ, сиёсӣ ва динӣ) дар ҳаёт; дуюм, дар ҷомеа мушкилиҳо ва арзишҳои муҳими ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, ки омӯзишашон дар кор карда баромадани чорабиниҳои амалии он ҳама илмҳои ҷамъитӣ иштирок менамоянд.

Сиёсатшиносӣ бо бо таърихи сиёсӣ, сотсиология, ҳуқуқ ва дигар фанҳои ҷамъиятшиносӣ низ робита дорад.

Сиёсатшиносӣ чун тамоми илмҳои дигари ҷамъиятшиносӣ ба дастовардҳои илмӣ такя намуда, ҳангоми баҳо додан ба ҳодисаҳою зуҳуроти ҳаёти ҷамъиятӣ хулосаҳои зарурию субъективӣ мебарорад.

Сиёсат танҳо илм набуда як навъ фаъолият аст. Сиёсат чун санъат фаъолияти нозук ва мурракабест, ки аз барандагони худ рафтори нафис, баҳисобгирии руҳӣ ва қабули қарори мушаххасро талаб менамояд.

Сиёсат ҳамчун санъат ба интуитсияе монанд аст, ки имконият медиҳад дар лаҳзаҳои ҳассосу мураккаб роҳҳои созишро дарёбад ё қарори ғайри чашмдошт қабул карда, миллатро аз хатар наҷот диҳад.

# 3. Мафҳуми ҷаҳони сиёсат ва проблемаҳои асоси сиёсат

Мазмуни сиёсат дар мақсад, арзиш, мақом ва механизмҳои қабули қарор ва проблемаҳое, ки он ҳал менамояд, ифода мегардад. Ҷаҳони сиёсат бошад аз чунин масъалаҳо иборат аст. Вай то андозае, ки ба илм идея омехта шуда ба он такя менамояд илм аст. Дар он обеъкт ва субъекти сиёсат шахс, гурӯҳ, синф, давлат ба ҳам таъсир мерасонанд.

Ҳокимияти сиёсӣ, моҳият ва сохтори он; системаҳои сиёсӣ ва режимҳои сиёсии замони ҳозира: шакли идоракунӣ ва сохтори давлатӣ; босуботии сиёсӣ ва таваккали сиёсӣ; системаҳои сиёсию интихоботӣ; ҳуқуқҳои сиёсӣ ва озодиҳои инсон, шаҳрванд; ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ; рафтори сиёсӣ ва фарҳанги сиёсии шахс; коммуникатсияи сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма; паҳлуҳои миллию динии сиёсат; восита ва усулҳои ҳалли моҷароҳо, сиёсати байналмилалӣ ва ҷаҳонишавӣ, масъалаҳои асосии сиёсатанд.

# 4. Қонунияти сиёсатшиносӣ, категорияҳои он, методҳои он ва марҳилаҳои рушди он

Сиёсатшиносӣ чун тамоми илмҳои дигар дорои қонуниятҳои муайян буда, тавассути дарки ин қонуниятҳо сиёсати ин ё он давлат муайян карда мешавад.

Аксари сиёсатшиносон се гурӯҳи қонуниятҳоро нишон доданд. Аз ҷумла дар китоби дарсии “Политология” таҳти таҳрири пофессор М. А. Василик, чунин қонуниятҳо номбар шудаанд.

Гурӯҳи якум

Қонуниятҳое, ки робитаҳои баҳамтаъсиррасонии соҳаи ҳаёти сиёсиро бо дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ифода менамоянд. Аз ҷумла, вобастагии сохтор ва вазифаҳои системаи сиёсии ҷамъият, ба сохтори иқтисодию иҷтимоияш; таъсири фаъолонаи сиёсат ба ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоию ҳаёти маънавии ҷомеа.

Гурӯҳи дуюм

Қонуниятҳое, ки робитаҳои муҳиму устувор ва муносибатҳоро бо баҳамтаъсиррасонии унсурҳои сохтории худи соҳаи сиёсат ифода менамоянд;

Гурӯҳи сеюм

Қонуниятҳое, ки робитаҳои муҳим, устувор, тамоили инкишофи тарафҳои алоҳидаи ҳаёт ва зуҳуроти ҳаёти сиёсии ҷамъиятро ифода менамоянд, ки ба онҳо дар ҷамъияти демократӣ тақсим намудани ҳокимият ба ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судӣ; тасдиқи принципи плюрализми сиёсӣ дохил мешавад[1].

1. Василик М. А. Политология — М.: Гардарики, 2000. — стр. 18-19

Ҳаминро бояд донист, ки қонуниятҳои ҳаёти сиёсии ҷамъият нисбат ба қонунҳои табиат ҳамчун тамоил амал намуда, бо ин ё он навъ дар натиҷаи фаъолияти «бошуурона» ва ё «бешуурона»-и одамон, гурӯҳҳои сиёсӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ ба вуҷуд меоянд. Тамоили инкишофи онҳоро шароити табиӣ–таърихӣ, вазъияти сиёсӣ–иқтисодӣ, дараҷаи камолоти фарҳангӣ-сиёсии мардум, инчунин хусусиятҳои фардии ҳар кадом гурӯҳҳои сиёсӣ муайян месозанд.

# Дар сиёсатшиносии муосир се самт вуҷуд дорад.

1. Самти сотсиологӣ ба андешаи табиати назариявӣ, методологӣ ва моҳияти сиёсӣ, раванд ва зуҳуроти сиёсӣ такя менамояд.

2. Тамоили таҳлили эмпирикӣба далелҳои таҳлили экспеpемент ва мушоҳида, натиҷаи мушаххаси сотсиологӣ асос менамояд.

3. Меъёри иниститутсионалӣ, ки ба таҳлили нормаҳои конститутсионӣ, системаҳои ҳизбию интихоботӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо эътибор медиҳад.

## Сиёсатшиносӣ аз се гурӯҳ категорияҳо истифода мебарад.

1. Категорияҳои фанҳои дигари иҷтимоӣ-гуманитарӣ: тамаддун, ҷамъият, аҳолӣ, халқ, озодӣ, ҳокимият, ҳуқуқ, маданият, тарзи тафаккур, инқилоб, ислоҳот.

2. Категорияҳои ба сиёсатшиносӣ наздики фанҳои дигар: давлати ҳуқуқбунёд, моликияти хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ; табақаи иҷтимоӣ ва гурӯҳҳо, афкори умум, коплексҳои ҳарбӣ-саноатӣ, моҷароҳои ҳарбӣ-сиёсӣ;

3. Категорияҳои худи сиёсатшиносӣ: сиёсат, ҳокимияти сиёсӣ, ҳаёти сиёсӣ, системаи сиёсӣ, режими сиёсӣ, фарҳанги сиёсӣ, манфиати сиёсӣ, арзишҳои сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ, шуури сиёсӣ, технологияи сиёсӣ.

# Методҳои сиёсатшиносӣ

Методҳои сиёсатшиносиро ба се гурӯҳҷудо мекунанд:

1. Методҳои сиёсатшиносии классикӣ;
2. Методҳои аз фанҳои дигар гирифташуда (фалсафа ва сотсология) ;
3. Методҳои сиёсатшиносии пасоклассикӣ.

Сиёсатшиноси тоҷик Г. Зокиров бошад методҳои сиёсатшиносиро ба умумиилмӣ (таърихӣ, сотсиологӣ, меъёрию арзишӣ), методи умумимантиқӣ–методи семантикӣ ва методҳои сирф сиёсатшиносӣ (бихевиористӣ, миқдорӣ, муқоисавӣ, методи қабули қарори сиёсӣ ва коммуникативӣ) ҷудо кардааст.


1

1. Zokirov, Gulahmad Nozimovich, Dissernet, accessed September 11, 2025, https://biblio.dissernet.org/person/ZokirovGN

1.

**Методи иниститутсионалӣ -** омӯзиши иниститутҳои сиёсӣ, ташкилоти вай, барномаҳои ҳукуматӣ, воситаҳои танизимӣ, парламент, системаи интихоботӣ, фаъолияти сиёсии ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилоти ҷамъиятиро объекти омӯзиши худ қарор медиҳад.

2.

**Методи муқоисавӣ** - вай системаҳои гуногуни сиёсиро мавриди тадқиқ қарор медиҳад. Ин метод зуҳуроти бо ҳам монанди сиёсии дар давлатҳои гуногун рухдодаро муқоиса менамояд.  Ин усул асосан дар замони ҷанги дуюми ҷаҳон пайдо шудааст.

3. **Методи таърихӣ** - вай ҳодиса ва зуҳуроти дар таърихи ҷомеъа ба вуҷуд омадаро таҷдиди назар менамояд. Муносибати таърихӣ раванди сиёсиро дар инкишоф бо истифодабарии таърих аз гузашта баҳозира ва аз он ба ояндаро дар назар дорад.

4. **Методи сотсиологӣ** - ба воситаи ин усул ба ҳам вобастагии просессҳои сиёсӣ омӯхта мешаванд.

5. **Методи меъёри арзишӣ**–ба ошкор сохтани моҳияти ин ё он просессҳои сиёсӣ ва нақши онҳо дар таъмини сулҳ ва некӯаҳвволии мардум сару кор дорад.

6. **Методи системавӣ** – ин усул онро таҳлил менамояд, ки:

А) Системаи сиёсӣ системаҳои дар таркибаш бударо таҳлил менамояд, ки ҷавҳари он ҳокимияти сиёсист;

Б) Вай бисёр вазифаҳои онро ошкор месозад;

В) Системаи сиёсӣ ҳамеша дар тағйирёбӣ буда, ба дигар системаҳо робита дорад.

7. **Методи вазифагӣ (функсионалӣ).** Инҷо механизмҳои мушаххасе, ки устувории нисбӣ, томият, баробарвазнӣ, худнигоҳдорию худмутобиқсозии системаро ба муҳити иҳотакарда меомӯзад.

8. **Таҳлили вазифагӣ-таркибӣ.** Ҳар кадом унсур дар система вазифаи худро иҷро менамояд.

9. **Методи нормативӣ** - асосан ба кор карда баромадани идеали сиёсӣ эътибор медиҳанд.

10.

**Методи бихевиористӣ**– азбаски системаи сиёсии ҷамъият организми зиндаи иҷтимоист, бинобар ин ҳар кадом аз рӯи қонунҳои дохилии дар заминаи мантиқи хешбуда амал менамоянду онҳоро ошкор месозанд. Муносибати бихевиористӣ асосан ба рафтори одамон ё субъектхои сиёсӣ хангоми ширкат дар сиёсат сару кор дорад. Барои ҷонибдорони ин усул сиёсат ин як типпи рафтори иҷтимоии фардҳост. Ин усул дар илми сиёсӣ солҳои 30-50 – уми асри XX пайдо шуд, ки асосгузоронаш Ч. Мериам ва Г. Лассуэл маҳсуб мешаванд[1].

1. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ – Душанбе: ЭР-Граф, 2010. – с. 5-57

# Марҳилаҳои рушди сиёсатшиносӣ

Сиёсатшиносон чунин марҳилаҳои инкишофи сиёсатшиносиро пешниҳод намудаанд:

1. Институтсионалӣ (охири асри XIX ва ибтидои асри XX). Дар ин марҳила мушкилоти асосӣ омӯхтани институтҳои сиёсии давлат ва таҳлили муқоисавии сохторҳои конститутсионӣ буд, ки он тавассути методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, шаклӣ-мантиқӣ ва меъёрӣ-институтсионалӣ омухта мешуд.

2\. Бихевиоралистӣ (солҳои 20-70-уми асри XX). Ин метод ба масъалаҳои манфиатҳои умумии ҷомеа мустақар аст: тақсими ҳокимият, ғояҳои муайянкунандаи андешаҳои сиёсии одамон, институтҳои сафарбаркунандаи фаъолияти одамон, гурӯҳҳои ҳавасманди ВАО, воситахои электронӣ «олами сеюм», усулҳои истифодашавандаи миқдорӣ, ҷустуҷӯи қонуниятҳо, танзими донишҳо, ҷудосозии арзишҳ.

3.

Баъди бихевиоралистӣ (аз солҳои 70 то кунун). Баъди буҳрони бихевиоралистӣ Истон ин марҳиларо пешниҳод намуд, ки ба омӯзиши рафтори одамон дар ҷамъият сару кор дошта, тибқи он сиёсат ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама хусусияти фардӣ дошта, мақсади асосии иштирокаш дар сиёсат вазъи рӯҳии вай аст, ки фардҳо ба таври муайян ҳолати руҳиашонро зоҳир менамоянд.

Дар умум донистани сиёсатшиносӣ барои ҳар фард аз он ҷиҳат зарур аст, ки ба муносибатҳои байни шаҳрвандон, шаҳрванд ва ҷамъият аз нуқтаи назари илм, тарзи муносибатҳои шаҳрвандӣ, рафторе, ки аз ҷониби ҷомеа эътироф шудааст, арзишҳои шаҳрвандӣ ва сараввал, арзишҳои дар Сарқонун, инчунин муносибати он шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои вай, сулҳу амнияти шаҳрвандон ва муҳаббат ба Ватан, эътимод ва боварӣ ба адолатро ёд мегирад.

**Адабиёт**


1. Donishju.net. 2025. “Politology Book.” Accessed September 11. https://donishju.net/politology-book/
2. Joblist. 2023. “Is Political Science a Hard Degree? Benefits, Cons & Job Opportunities.” June 7. https://www.joblist.com/guides/political-science
3. Abrp722. 2021. “Сократ, Платон, Аристотель…” LiveJournal. July 18. https://abrp722.livejournal.com/120402.html
4. LibreBook. 2025. *“Raymond Aron.”* Accessed September 11. https://1.librebook.me/list/person/raymond_aron?sortType=votes
5. Max Weber - German Philosopher,” RusTeam.media, 2021, https://rus.team/people/veber-emil-maksimilian
6. Quizur. 2023. “Que tipo de Líder você é?” June 5. https://pt.quizur.com/quiz/que-tipo-de-lider-voce-e-s7gt
7. Dissernet. 2025. Zokirov, Gulahmad Nozimovich. Accessed September 11. https://biblio.dissernet.org/person/ZokirovGN
8. Политология / М. А. Василик. — М.: Гардарики, 2000. — 843 с.
9. Сиёсатшиносӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 520 с.
10. Сиёсатшиносӣ: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / А. Н. Маҳмадов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 442 с.
11. Истон, Дэвид. Новая революция в политической науке // Социально-политический журнал. – 1993. – № 8. – С. 115–128.
12. Основы политологии: Учебное пособие / Малцев, В. А. – Москва: Юристъ, 1997. – 304 с.
13. Введение в политологию: Учебник для вузов / Пугачев В. П., Соловьев А. И. – Москва: Аспект Пресс, 2005. – 448 с.
14. Основы социологии и политологии: Учебное пособие / Л. М. Куликов. – Москва: Финансы и статистика, 2003. – 333 с.
15. Сиёсатшиносӣ: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / А. Мухаббатов. – Душанбе: Истеъдод, 2013. – 392 с.
16. Сиёсатшиносӣ/ Д. М. Хуморов, С.М.Авғонов,З.Ҳ.Каримова, Б.А.Ҳусейнов – Душанбе: Ирфон, 2016. – 156 с.

Ташаккури зиёд!